

# ДАР ИНТИХОБИ КАСБ ВА ДОНИШГОҲ ХАТО НАКАРДАМ

**Ман, Амирзода Афсона Умар магистранти курси дуюми факултети сиёсат ва идораи давлатӣ, ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошам. Соли 2018 тариқи Маркази миллии тестӣ ба факултети сиёсат ва идораи давлатӣ ройгон дохил шуда, онро соли 2022 бо дипломи аъло хатм намудам. Дар рафти таҳсил гирандаи стипендияи президентӣ будам. Ман тариқи воситаҳои ахбори омма аз фаъолияти пурмаҳсули ин даргоҳи маърифат огоҳӣ доштам.**

Воқеан, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешоҳанги дар амал татбиқ намудани низоми кредитии таҳсилот мебошад ва раванди таълимро тибқи стандартҳои нави таҳсилоти олии касбӣ бакалавр, магистратура ва докторантура ба роҳ мондааст.

Ман ҳамчун як ҷавони насли истиқлол бароиояндаи худро равшан дидан, бе ягон дудилагӣ ихтисоси писандидаи хешро интихоб намудам ва бо дилпурӣ гуфта метавонам, ки дар интихоби касб хато накардам. Орзуе, ки дар дил доштам, амалишавии онро дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пайдо кардам.

Вобаста ба ғамхориҳои ҳамешагӣ ва боварию эътиқоди зиёди Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ҷавонон кӯшиш менамоям, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо баҳои аъло хатм карда, дар пешравии

кишвари азизам - Тоҷикистони биҳиштосо саҳмгузор бошам ва даъват менамоям, ки довталабони соли 2024-2025 Донишгоҳи давлатии Бохтарро интихоб намоянд.

АМИРЗОДА Афсона Умар,

магистранти курси дуюми факултети сиёсат ва идораи давлатӣ